**Тақризи роҳбари илмӣ,**

**доктори илмҳои филология, профессор Сафаров Умархоҷа Раҳимович ба кори диссертатсионии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Валиева Ҳалима Субҳонқуловна соли 2018 дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси унвонҷӯ пазируфта шуд. Дар тӯли давраи унвонҷӯӣ номбурда аз худ намунаи шоистагӣ нишон дод. Диссертатсияи ӯ ба таҳқиқи «Вижагиҳои тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ихтисос дорад. Ӯ мутахассиси донишманд дар риштаи адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад. Номбурда пажуҳишу таҳқиқро дар атрофи рисолаи илмияш пас аз интихоби мавзуъ ва тайиди он дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика қарори №11 аз 25.06.2018, шуруъ намуд.

Ҳамзамон, бо фаъолияти таҳқиқӣ дар давраи унвонҷӯӣ Валиева Ҳ.С. бо мақсади касби таҷрибаву малака дар корҳои таълимӣ, барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ ҷалб карда шуд. Дар ин ришта низ мазкур худро ҳамчун муаллими боистеъдоду бобасират нишон дод. Унвонҷӯ Валиева Ҳ.С. дар заминаи адабиётшиносӣ ва махсусан адабиёти муосири тоҷик донишу мутолиоти фаровон дорад.

Диссертатсияи номбурда ба таҳлилу арзёбии масири зиндагӣ ва эҷодиёти нависандаи маъруф шодравон Сайф Раҳимзоди Афардӣ бахшида шудааст. Номбурда дар рисола бештар ба масъалаи ҷойгоҳи тавсифу тасвиргарӣ дар осори мавсуф такя намудааст.

Зимни тадвину таълифи диссертатсия муҳаққиқ собит сохт, ки дар иҷрои умури таҳқиқӣ омодагии комил дошта ва мустақилона метавонад

вазоифу аҳдофи масоили матруҳаро таъйину амалӣ созад. Донишу огоҳии ӯ дар заминаи таълифоти илмӣ имконият медиҳад, то ҳар масъалаи илмиро таҳлилу арзёбӣ намояд ва дар таҳаққуқи масоили илмӣ аз равишҳои пазируфташудаи таҳқиқӣ баҳра бигирад. Мавсуф бо истифода аз шеваҳои навини таҳқиқӣ ба натиҷаҳои амиқи илмӣ расидааст, ки дар ҳақиқати онҳо шакку тардиде мавҷуд нест.

Натоиҷи пажуҳишҳои Валиева Ҳ.С. саривақтӣ дар нашрияҳои илмӣ ба чоп расида, ҳамзамон, дар конференсияҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи мазкур ҳосили фаъолияти амалии унвонҷӯ мебошад. Сатҳи баланду ҳаҷми кор имкон медиҳад, ки ба унвонҷӯ дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи филологияи
Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафаров У.Р.
«10» марти соли 2023

Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Қаҳорӣ, 11а
Телефон: (+992) 985-78-67-11.
E: mail: umar_safar@mail.ru

Имзои Сафаров Умархоҷа Раҳимовичро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.